Мувофиқи қ. 2 м. 58[1]-и КҶ ҶТ ин ҷазо нисбат ба занон, инчунин шахсони то синни ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содирнамуда ва мардоне, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукм аз тарафи суд ба шасту сесолагӣ расидаанд, таъин карда намешавад. Чунин ба назар мерасад, ки чунин маҳдудиятҳо принсипу ҳуқуқҳои байналмилалӣ, конститутсионӣ ва умумиро поймол мекунад, зеро қонунгузор бо назардошти хусусиятҳои биологии ҷинс ба қолабҳои гендерӣ афзалият медиҳад, ки ин хилофи принсипи баробарӣ дар назди қонун аст. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 17), КҶ ҶТ (м. 9), КИҶ Ҷ ҶТ (м. 5), бидуни ягон истисно ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Барои асосноккунии илмии муқаррароти қ. 2 м. 58[1] КҶ ҶТ зарур аст, то бо назардошти принсипҳои адолат, инсондӯстӣ, инчунин фарқиятҳои иҷтимоӣ, физиологӣ ва синну соли категорияҳои гуногуни одамон таҳқиқоти илмӣ гузаронида шавад. Ин таҳқиқот барои муайян кардани он ҳолат, ки ин маҳдудиятҳо ба меъёрҳои ҳуқуқии муосир ва принсипҳои адолат мувофиқат мекунанд ё не, кӯмак хоҳад кард;

4) дар нимсолаи соли 2024 дар Тоҷикистон 113 нафар ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум шуданро адо намуда истодаанд. Аз ин миқдор 55 (48,6%) нафар бо м. 104 КҶ ҶТ, 6 нафар (5,3%) бо м. 138 КҶ ҶТ, 2 (1,7%) нафар бо м. 139-и КҶ ҶТ, 6 (5,3%) нафар бо м.м. 104 ва 138-и КҶ ҶТ, 3 (2,6%) нафар бо м.м. 104 ва 139-и КҶ ҶТ, 2 (1,7%) нафар бо м.м. 104, 138 ва 139-и КҶ ҶТ, 5 (4,4%) нафар бо м.м. 138 ва 139-и КҶ ҶТ ва 35 (31%) нафар бо моддаҳои 104 ва 179-и КҶ ҶТ маҳкум шудаанд. Тавре омори боло зикршуда нишон медиҳад, сол то сол шумораи маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ, яъне ашхосе, ки ба ҷазои якумра маҳрум шудан аз озодӣ маҳкум шудаанд, зиёд шуда истодааст. Ин гурӯҳи маҳкумшудагон уҳдадоранд, ки ҷазоро дар маҳбасҳо, яъне дар камераҳои алоҳида бидуни имкони ҳаракат ва муошират озод адо кунанд. Ҳоло ин гуруҳи маҳбусон дар камераҳои алоҳида, ки дар ҳудуди яке аз муассисахои ислоҳии ҷумҳурӣ ташкил карда шудааст, нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҷумҳурӣ як муассисаи ислоҳӣ бо режими маҳбасҳо барои адои ин намуди ҷазо (ш. Бохтар) мавҷуд буда, шумораи маҳкумшудагон дар он аз ҳадди муқарраршуда зиёд буда, ин мушкилот ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест;

5) мутобиқи қ. 2 м. 46-и КҶ ҶТ ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, инчунин ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав татбиқ карда мешавад. Аммо ба фикри мо, аз ин мақсадҳо ислоҳи маҳкумшудагон (м. 14-и КИҶҶ ҶТ), ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум шудан маҳкум шудаанд, зери шубҳа гузошта мешавад. Зеро воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон, аз қабили тартиби муқарраргардидаи иҷро ва адои ҷазо (режим), кори тарбиявӣ, меҳнат, гирифтани маълумоти умумии асосӣ, касбомӯзӣ ва таъсири иҷтимоӣ, инчунин расонидани ёрии психологию ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ татбиқ карда

намешаванд ё ба маҳбусоне, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум шудан махкум шудаанд, дастрас нестанд;

6) таҳлили КИҶҶ ҶТ нишон медиҳад, ки дар он танҳо як модда, яъне м. 134(1) ба шароити адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии низоми махсус барои маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум шудаанд, бахшида шудааст. Дигар масъалаҳои иҷрои ҷазои мазкур тибқи меъёрҳои умумии КИҶҶ ҶТ танзим карда мешаванд ва ин равиш барои иҷрои самараноки ин намуди ҷазо монеаҳоро ба миён меорад. Ин равиш эҳтиёҷот ва хусусиятҳои хоси ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳкумшудагонро ба инобат намегирад, ки ин метавонад ба шароити нигоҳдории онҳо ва имкони ислоҳи онҳо таъсири манфӣ расонад. Набудани меъёру тартиби махсусгардонидашуда барои ин гурӯҳи маҳкумшудагон самараи тадбирҳои офиятбахширо паст намуда, ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо, аз қабили ислоҳи шахси махкумшуда ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои навро душвор мегардонад. Барои таъмини шароити муносиби нигоҳдорӣ ва офиятбахшии самараноки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳкумшудагон меъёрҳои муфассалтар ва махсусгардонидашудаи иҷрои ҷазо бояд таҳия ва татбиқ карда шаванд;

7) мавҷудияти ҷазои якумра бо ин ё он роҳ ба вазъи ахлоқию равонии ҷомеа, на танҳо ба одамоне, ки бевосита аз озодӣ маҳрум шудаанд, балки ба ҷомеаҳо ва ниҳодҳои васеъ таъсир мерасонад. Таҳқиқот дар соҳаи мазкур ба мо тасвири равшани оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии афзоиши зиндонӣ кардан ва нобаробарӣ дар таъини ҷазоро медиҳад. Илова бар ин, оилаҳо ва ҷомеаҳое, ки аъзоёни онҳо ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд, ки зиндагии онҳоро душвор мегардонад. Дарки таъсири печидаи ҷазои якумра ба муҳокимаҳо дар бораи ислоҳоти низоми ҷазо дар Тоҷикистон, нобаробарии иҷтимоӣ ва устувории ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар Тоҷикистон 6 феврали соли 2018 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва 25 июни соли 2020 «Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардид. Таҳлили Консепсия ва Стратегияи зикргардида нишон медиҳад, ки онҳо ба проблемаҳои муҳими ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан чандон эътибори махсус намедиҳанд. Дар асоси ҳолатҳои болозикр, омӯзиши мушкилоти ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан метавонад ҳамчун манбаи такмили на танҳо Консепсия ва Стратегияи зикршуда, балки дигар санадҳои ҳуқуқӣ гардад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аҳаммияти мавзӯи таҳқиқшавандаро тасдиқ намуда, зарурати омӯзиши ҳамаҷониба, назариявӣ ва амалии проблемаҳои дар боло зикршударо нишон медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятии татбиқ ва иҷрои ҷазои якумра аз озодӣ

маҳрум сохтан дар корҳои илмии олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ қисман мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар Тоҷикистон таҳқиқот дар соҳаи омӯзиши масъалаҳои гуногуни ҷазоро дар корҳои илмии А.А. Абдурашидов[2], И.Х. Бобоҷонзода[3], М.Н. Зиёбоева[4] З.Х. Зокирзода[5], З.А. Камолов[6], С.А. Миралиев[7], И.Р. Тулиев[8], Т.Ш. Шарипов[9] ва дигарон во хӯрдан мумкин аст, вале дар ин таҳқиқотҳо масъалаҳои алоқаманд бо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳаматарафа омӯхта нашуда, танҳо ба таври маҳдуд, баъзе аз қисматҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. То ҳол ин вазъият тағйир наёфтааст. Ҷанбаҳои гуногуни низоми ҷазо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби В.А. Абдухамитов[10], У.А. Азиззода[11], С.Э. Бахриддинов[12], А.И. Сафарзода[13], Н.А. Қудратов[14], Ҷ.З. Маҷидзода[15], А.Қ.

---

[2] Ниг.: Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан: эволюция и современное состояние: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 190 с.

[3] Ниг.: Бабаджанов И.Х., Сальников М.В. Смертная казнь: юридические и духовно-нравственные аспекты // Мир политики и социологии. – 2017. – №2. – С. 168-176; Бабаджанов И.Х. Право на жизнь и право на смертную казнь в юридической теории и практике. Монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. – 196 с.

[4] Ниг.: Зиёбоева М.Н. Отсрочка отбывания наказания беременным женщинам и женщинам, имеющим детей в возрасте до восьми лет, по законодательству Республики Таджикистан: вопросы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 180 с.

[5] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 174 с.

[6] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по Уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.

[7] Ниг.: Миралиев С.А. Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ): дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 191 с.

[8] Ниг.: Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана: система, виды наказаний и их назначение: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – 217 с.

[9] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики (по материалам Республики Таджикистан): дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2008. – 563 с.

[10] Ниг.: Абдухамитов В.А. Борьба с религиозным экстремизмом: уголовно-правовые, криминологические проблемы (на материалах Республики Таджикистан). Монография. – Бишкек, 2015. – 260 с.

[11] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

[12] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Баҳриддинов С.Э. Мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ // Давлат ва ҳуқуқ. – 2007. – №3. – С. 56-63.

[13] Ниг.: Сафаров А.И., Тураев С.Д., Шарипов Р.И. Масоили иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ барои содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ // Вестник ТНУ. – 2015. – №3/7 (179). – С. 102-106; Сафаров А.И., Тураев С.Д., Шарипов Р.И. Масоили татбиқи ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян барои ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ // Вестник ТНУ. – 2015. – №3/10 (188). – С. 168-173; Сафаров А.И., Камолов З.А., Шарипов Р.И. Проблемы совершенствования санкций преступлений в сфере экономики по УК Республики Таджикистан // Вестник Педагогического университета. – 2015. – №6-1 (67). – С. 320-323.

[14] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовно-правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 539 с.

[15] Ниг.: Маджидзода Дж.З., Назаров Н. Организованная и транснациональная преступность. – Душанбе, 2014. – 268 с.

Назаров[16], Р.Ҳ. Раҳимзода[17] мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар баробари ин, ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан дар таҳқиқотҳои илмии онҳо ба таври назаррас таҳлил нагардидааст, зеро муаллифон дар назди худ дигар мақсадҳои таҳқиқотиро гузоштаанд. Дар баробари ин як қатор олимони хориҷӣ, ба монанди О.А. Антонов[18], В.И. Екимова, И.В. Кокурина ва А.В. Кокурин[19], А.Э. Жалинский[20], Н.В. Желоков[21], О.В. Захаринин[22], С.Г. Кряжева[23], О.И. Лепешкина[24], Б.З. Маликов[25], Р.И. Михеев[26], А.С. Михлин[27], Л.А. Мостепанюк[28], Ю.М. Ткачевский[29], С.Д. Хачатурян, Т.В. Аляшина ва О.В. Старикова[30] ва дигарон доир ба татбиқ ва иҷрои ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан асосҳо, шартҳои таъин ва тартиби иҷрои он як қатор корҳои илмӣ нашр кардаанд.

---

[16] Ниг.: Назаров А.К. Уголовно-правовые нормы Корана и хадисов и их классификация по институтам уголовного права. – Душанбе, 2014. – 193 с.

[17] Ниг.: Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная политика по обеспечению экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы теории, методологии и практики (историко-правовой и общетеоретический анализ): дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 581 с.

[18] Ниг.: Антонов О.А. Правовое регулирование назначения и исполнения наказания в виде пожизненного лишения свободы: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов н/Д, 1998. – 165 с.

[19] Ниг.: Екимова В.И., Кокурина И.В., Кокурин А.В. Осужденные к пожизненному лишению свободы: социально-демографическая, медицинская, уголовно-правовая и уголовно-исполнительная характеристика, а также особенности психологического сопровождения // Психология и право. – 2014. – Том 4. – №1. – С. 59-74.

[20] Ниг.: Жалинский А.Э. Уголовное право в ожидании перемен: теоретико-инструментальный анализ. – 2-е изд. перераб. и доп. – М.: Проспект, 2009. – 400 с.

[21] Ниг.: Желоков Н.В. Пожизненное лишение свободы в системе наказаний УК РФ и его назначение: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2007. – 197 с.

[22] Ниг.: Захаринин О.В. Исполнение наказания в виде пожизненного лишения свободы в России: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – 208 с.

[23] Ниг.: Кряжева С.Г. Осужденные к пожизненному лишению свободы: краткая криминологическая характеристика // Антропогогика. – 2022. – №1 (5). – С. 82-87.

[24] Ниг.: Лепешкина О.И. Смертная казнь как уголовно-правовой институт: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2003. – 188 с.

[25] Ниг.: Маликов Б.З. Теоретические проблемы сущности и содержания лишения свободы и их выражение в уголовном и уголовно-исполнительном законодательстве России: дис. ... д-ра юрид. наук. – Рязань, 2004. – 482 с.

[26] Ниг.: Михеев Р.И. Проблемы вменяемости, вины и уголовной ответственности: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1995. – 70 с.

[27] Ниг.: Михлин А.С. Эшафоты // Преступление и наказание. – 1994. – №10. – С. 14-18; Михлин А.С. Еще раз о милости к падшим // Преступление и наказание. – 1996. – №5. – С. 22-25; Михлин А.С. Проблемы сохранения или отмены смертной казни // Преступление и наказание. – 1997. – №7. – С. 49-51; Михлин А.С. Высшая мера наказания: история, современность, будущее. – М.: Дело, 2000. – 176 с.; Михлин А.С. Пожизненное лишение свободы как вид уголовного наказания // Российская юстиция. – 2002. – №5. – С. 30-33.

[28] Ниг.: Мостепанюк Л.А. Пожизненное лишение свободы как вид уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – Киев: Национальная академия внутренних дел Украины, 2005. – 195 с.

[29] Ниг.: Ткачевский Ю.М. Проблемы совершенствования прогрессивной системы исполнения уголовных наказаний // Вестник Московского университета. Серия 11: Право. – 1981. – №6. – С. 45-54.

[30] Ниг.: Хачатурян С.Д., Аляшина Т.В., Старикова О.В. Особенности личности осужденных к пожизненному лишению свободы // Вестник Владимирского юридического института. – 2007. – №1 (2). – С. 128-130.

Дар байни корҳои илмии олимони ватанӣ монографияи И.Ҳ. Бобоҷонзода дар соҳаи ҷазоҳои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ва ҷазои қатл диққатҷалбкунанда мебошад[31]. Дигар муҳаққиқон низ баъзе ҷанбаҳои ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро таҳлил кардаанд. Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаи бунёдии ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад.

Тавре ки натиҷаи таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии Тоҷикистон дар дарки моҳияти ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, асос, шартҳои таъин ва тартиби иҷрои он душвориҳои муайян вуҷуд дорад. Аз ҷумла, масъалаҳои мушаххаси ҷазо дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ва механизми таъини онҳо ба таври гуногун ҳал карда шуда, ин ҳолат ба таҷрибаи фаъолияти мақомоти судии ҶТ таъсири манфӣ расонида, барои таъмини қонуният дар татбиқи ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан монеа эҷод мекунад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло қайд менамоем, ки имрӯз масъалаи такмили меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки татбиқ, иҷро ва адои ҷазои ҷиноятиро дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, асосҳо, шартҳои таъин ва тартиби иҷрои он, яке аз масъалаҳои мубрами доктринаи ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Рисола дар доираи лоиҳаҳои илмии зершуъбаи ҳуқуқи давлатӣ – бахши ҳуқуқи ҷиноятии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои солҳои 2017-2021», инчунин дар доираи лоиҳаи нав дар мавзӯи «Ҳуқуқи ҷиноятии муосири Тоҷикистон (қисми умумӣ) барои солҳои 2022-2026», таҳия гардидааст. Мавзуи таҳқиқоти илмӣ ба Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018 мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муайян ва таҳлили мушкилоти марбут ба татбиқ ва иҷрои ҷазо дар намуди якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, инчунин таҳияи тавсияҳои консептуалӣ ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо дарназардошти хусусияти инсондӯстона доштани ин ҷазо ва баланд бардоштани самаранокии татбиқ ва истифодаи он равона шудааст. Дар раванди таҳқиқот омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, инчунин татбиқи амалии ин ҷазо дар таҷрибаи миллӣ бо мақсади таҳияи равишҳои

[31] Ниг.: Бабаджанов И.Х. Право на жизнь и право на смертную казнь в юридической теории и практике. Монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. – 196 с.

ҳамаҷониба ва инноватсионии ислоҳоти қонунгузорӣ ва амалияи иҷрои ҷазоро дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ омӯзиши ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан имкон медиҳад, ки асоснокии амалияи баровардани ҳукм, адолат ва баробарҳуқуқиро дар низоми адлия мусоидат кунад ва принсипҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқҳои ҷабрдидаҳоро ҳимоя кунад. Бо баррасии амалияи ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва натиҷаҳои ҳукмҳои баровардашуда, мо ба қадри имкон ба муколамаи давомдор оид ба ҷазо, офиятбахшӣ ва адолати иҷтимоӣ дар заминаи якумра маҳрум сохтан аз озодӣ метавонем саҳмгузор бошем. Дар маҷмуъ, омӯзиши ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан барои таҳияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар асоси далелҳо хидмат мекунад, ба мубоҳисаи оммавӣ оид ба масъалаҳои адолати судии ҷиноятӣ ва муносибати одилона ва инсондӯстона ба ҷазо дар ҷомеа мусоидат мекунад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ бояд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

– таҳия кардани мафҳуми якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ва муайян кардани ҷойгоҳи ин ҷазо дар низоми ҷазои ҷиноятии Тоҷикистон;

– муқаррар кардани аломатҳои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ва муайян кардани мақсади он;

– омӯхтани таҷрибаи татбиқи ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан дар кишварҳои хориҷӣ ва дар асоси он муайян намудани камбудиҳои ҳуқуқи миллӣ ва пешниҳод кардани тавсияҳои дахлдор;

– таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи иҷрои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан;

– асоснок кардани тавсифи умумии маҳкумшудагон, ки ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро адо мекунанд ва муайян кардани хусусиятҳои ахлоқию равонии онҳо;

– таҳия кардани пешниҳодҳо оид ба такмили моддаҳои КҶ ҶТ ва КИҶҶ ҶТ, ки бо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан алоқамандanд.

**Объекти таҳқиқотро** масъалаҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва иҷроӣ–ҷиноятии муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар робита бо татбиқ ва иҷрои ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсиониро маҷмӯи масъалаҳое дар бар мегирад, ки бо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, хусусиятҳои иҷро, оқибатҳои он ва ғайра алоқаманданд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ рушд ва инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият таҳлил карда мешавад. Дар кори илмии пешниҳодшуда хусусиятҳои умумии ҷазои ҷиноятӣ дар шакли якумра аз озодӣ маҳрум сохтан баррасӣ гардида, тартиби иҷрои он дар қаламрави Тоҷикистон, ҳам дар давраҳои таърихӣ ва ҳам давраи муосир, муҳокима мешавад. Бо истифода аз усули муқоисавии ҳуқуқӣ, муаллиф таҷриба ва қонунгузории кишварҳои хориҷиро, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум

сохтан марбутанд, амиқ омӯхтааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2017-2024-ро дарбар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки паҳлӯҳои гуногуни ин мавзуъро мавриди омӯзиш қарор додаанд, аз қабили: А.А. Абдурашидов, В.А. Абдухамитов, У.А. Азиззода, Т.В. Аляшина, О.А. Антонов, С.Э. Бахриддинов, И.Х. Бобоҷонзода, В.И. Екимова, А.Э. Жалинский, Н.В. Желоков, О.В. Захаринин, М.Н. Зиёбоева, Ҷ.М. Зоир, З.Х. Зокирзода, З.А. Камолов, А.В. Кокурин, И.В. Кокурина, С.Г. Кряжева, Н.А. Қудратов, О.И. Лепешкина, Б.З. Маликов, С.А. Миралиев, Р.И. Михеев, А.С. Михлин, Л.А. Мостепанюк, А.Қ. Назаров, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.И. Сафарзода, О.В. Старикова, Ю.М. Ткачевский, И.Р. Тулиев, С.Д. Хачатурян, Т.Ш. Шарипов ва дигарон. Муаллиф аз захираҳои системаи иттилоотии Интернет ва ВАО низ истифода кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ бо истифодаи ҳамаҷонибаи тамоми усулҳои мавҷудаи илми ҳуқуқ оид ба таҳлили зуҳуроти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, методи диалектикӣ, маҷмӯи методҳои махсуси илмӣ-оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ, системавию сохторӣ ва ғайра асос ёфтаанд. Инчунин ҳангоми таҳлили масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии диссертатсияро маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан алоқаманд буда, дар судҳои ҶТ муҳокима шудаанд, ташкил медиҳанд. Инчунин, маълумоти омории Суди Олии ҶТ, иттилооти мақомоти Прокуратураи генералии ҶТ барои солҳои 2010-2024 ва зиёда аз 15 парвандаи ҷиноятӣ, ки бо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан вобастаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Ҳамзамон, маълумоти нашршуда дар ВАО ва саҳифаҳои интернетӣ, ки ба ин намуди ҷазо марбутанд, низ омӯхта шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал: таҳлили амиқи маводи эмпирикӣ гузаронида шуд, ки маҷмӯи донишҳои мавҷудаи таҷрибавиро оид ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан хеле васеъ мекунад ва он ба дарки амиқтари падидаи ҷазои якумра ва оқибатҳои он барои адолати судии ҷиноятӣ мусоидат мекунад; чаҳорчӯбаи нави назариявӣ барои фаҳмидани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан дар асоси синтези ғояҳое, ки алакай дар назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҷомеашиносӣ, психология ва дигар фанҳои дахлдор мавҷуданд, таҳия карда шудааст. Дар натиҷа, дурнамои нав оид ба сабабҳо, оқибатҳо ва динамикаи ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешниҳод карда шуд; рисолаи илмӣ барои ҷамъбаст намудани баъзе мубоҳисаҳои назариявии ин соҳа ёрӣ расонда метавонанд. Ҳамзамон натиҷаҳои рисола метавонанд барои

таҳқиқоти оянда ва кори илмӣ асос шаванд. Умуман, навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсия дар он аст, ки дар он маҳорати муаллиф дар тавлиди донишҳои нав, таҳияи мавқеъҳои назариявӣ ва истифодаи усулҳои инноватсионии таҳқиқот нишон дода шудааст. Рисола бо равиши васеъи илмии байнисоҳавӣ фарқ намуда, дар он хулосаҳои зарурӣ бароварда шудааст, ки онҳо метавонанд дар ҳалли бисёр масъалаҳои ҳуқуқӣ кӯмак расонанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот бо нуқтаҳои илмии зер, ки ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, собит мегардад:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Муаллиф дар консепсияи илмии худ чунин мафҳуми якумра аз озодӣ махрум сохтанро пешниҳод кардааст, яъне ин ҷазои ҷиноятие мебошад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки ба ҳаёт, амнияти ҷамъият ва давлат таҳдид мекунад, инчунин барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин нисбат ба сулҳу амнияти инсоният татбиқ гардида, шахс то охири умри худ дар колонияҳои ислоҳӣ нигоҳ дошта мешавад.

2. Ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар Тоҷикистон яке аз ҷазоҳои сахттарин ба ҳисоб рафта, барои ҷиноятҳои махсусан вазнин татбиқ карда мешавад. Сабабҳои ҳамчун ҷазои махсусан вазнин ва сахт қабул шудани ҷазои якумра бо ҷанбаҳои зерин асоснок мегардад: а) ҷазои якумра пурра озодии шахсро то охири умр маҳрум мекунад, ки ин оқибати ниҳоят вазнин ва бе бозгашт мебошад; б) маҳкумшудагоне, ки ҷазои якумраро адо мекунанд, абадан аз ҷомеа ҷудо мешаванд; в) ҷазои якумра ҳамчун омили боздоранда, ҳам мушаххас ва ҳам умумӣ хизмат мекунад. Вазнинии ин гуна ҷазо маҷкумшударо аз содир намудани ҷиноятҳои минбаъда боз медорад ва барои дигарон дар бораи ба назар гирифтани оқибатҳои ҷиноятҳои ба ин монанд ҳамчун омили огоҳкунанда хизмат мекунад; г) ҷазои якумра ҳамеша барои ҷиноятҳои махсусан вазнин таъин карда мешавад. Ҷомеа бар ин назар аст, ки чунин ҷиноятҳо ҷазои муносибро тақозо мекунанд; д) дар бисёр мавридҳо ҷазои якумра имконияти шартан аз ҷазо озод шуданро пешбинӣ намекунад; е) ҷазои якумра барои шахсоне, ки ҷиноятҳои махсусан вазнин содир кардаанд, барои ҳифзи ҷомеа аз таҳдиди эҳтимолӣ хизмат мекунад, зеро ин гуна ҷинояткорон метавонанд ба амнияти ҷамъият хатари доимӣ дошта бошанд; ж) ҷазои якумра ҳамчун чораи одилонаи ҷазо барои ҷиноятҳои махсусан вазнин буда, мавқеи маънавии ҷомеаро инъикос мекунад.

3. Дараҷаи ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо нисбат ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан аз татбиқи ҳамаи мақсадҳои барои ҷазо муайяншуда вобаста аст. Муаллифи рисола асоснок мекунад, ки аз ҷумлаи ҳадафҳои ҷазо ислоҳи маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, зери суол меравад. Зеро воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон, аз қабили тартиби

муқарраргардидаи иҷро ва адои ҷазо (режим), кори тарбиявӣ, меҳнат, гирифтани маълумоти умумии асосӣ, касбомӯзӣ ва таъсири иҷтимоӣ, инчунин расонидани ёрии психологию ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ татбиқ карда намешаванд ё он ба маҳбусоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, дастрас нестанд. Барои ҳалли гуфтаҳои боло пешниҳодҳои зеринро зарур мешуморам: таъсиси муассисаи махсусгардонидашуда барои шахсоне, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум карда шудаанд; чораҳои ислоҳӣ бояд бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфи ҷинояти содиршуда, шахсияти маҳкумшуда ва муносибати ӯ ба меҳнат татбиқ карда шаванд; рад кардани имконияти шартан пеш аз мӯҳлат аз ҷазо озод кардан маҳбусонро аз имконияти офиятбахшӣ ва реинтегратсия ба ҷомеа маҳрум месозад, ки ин хилофи ҳуқуқи инсон вобаста ба рушди шахсият мебошад.

4. Ҳангоми таҳлили таҷрибаи истифодаи ҷазои якумра дар кишварҳои аврупоӣ ва кишварҳои узви ИДМ, нуктаҳои муҳими зерин таваҷҷӯҳро ҷалб мекунанд:

4.1. дар Иттиҳоди Аврупо якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун ҷазо вуҷуд надорад, балки дар онҷо ҳукми якумра бо имкони бозбинӣ вуҷуд дорад. Дар кишварҳое мисли Дания муҳлати ин гуна маҳрумсозӣ 12 сол, дар Юнон 20 сол, дар Фаронса, Олмон, Швейтсария ва Австрия 15 сол аст. Дар кишварҳое, ки ҳукми ҳабси якумра мавриди бозбинӣ қарор дорад, маҳбус метавонад ба шарти пушаймонӣ аз кирдор ё ҳамкорӣ бо нерӯҳои амниятӣ пеш аз муҳлат озод карда шавад;

4.2. таҳлили кодексҳои ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ нишон медиҳанд, ки дар як қатор мамлакатҳои Аврупо таъини ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан бе ҳуқуқи пеш аз муҳлат озод кардан аз ин ҷазо пешбинӣ шудааст. Исландия, Литва, Малта, Нидерландия ва Украина шартан озод кардани маҳкумшудагони якумраро умуман пешбинӣ намекунанд. Ҳамин тариқ, қонунгузории Англия, Уэлс, Булғористон, Маҷористон, Фаронса, Словакия, Швейтсария ва Туркия шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷазоро пешбинӣ мекунанд, аммо онҳо ин ҷазоро комилан бекор накардаанд. Дар ҳамин ҳол, чанде аз кишварҳои аврупоӣ ҷазои якумраро комилан лағв кардаанд. Аз ҷумла, инҳо Андорра, Босния ва Ҳерсеговина, Хорватия, Черногория, Норвегия, Португалия, Сан-Марино, Сербия ва Испания мебошанд. Аммо лағви маҳрумии якумрӣ аз озодӣ имкони маҳрумии хеле тӯлониро аз байн набурд;

4.3. синну соле, ки аз он ҷазои якумрӣ татбиқ намегардад дар давлатҳои аъзои ИДМ гуногун мебошад. Дар Узбекистон ва Қирғизистон аз 60 сола боло; дар Тоҷикистон – аз 63 сола; дар Озарбойҷон, Қазоқистон ва Белорус – аз 65 сола; дар Арманистон ва Молдова маҳдудияти синнусолии болоӣ умуман мавҷуд нест. Бо назардошти давомнокии миёнаи умр дар Тоҷикистон (барои соли 2021 барои занон – 76,8 сол, барои мардон – 73,5

сол), агар шахс пас аз 63 солагӣ ҷинояти махсусан вазнин содир кунад, мантиқан ҷазои 20–25 сол барои ӯ ҳамчун ҷазои якумрӣ хоҳад шуд;

4.4. дар давраи солҳои 2000 то 2010, ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ, ки (тавассути ҷорӣ намудани мониторинг) ҷазои қатлро бекор кардаанд, Протоколи Иловагии дуввум ба ПБҲШС оид ба бекор кардани ҷазои қатлро тасвиб карданд. Аз ин лиҳоз, муаллиф пешниҳоди асоснок мекунад, ки ҷазои қатл аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ хориҷ карда шавад.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд ва ё хусусияти амалӣ доранд:**

5. Пешниҳод мешавад, ки ба моддаҳои 47 ва $58^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шавад ва дар онҳо ҷазои якумрӣ ҳамчун ҷазои мустақил мустаҳкам карда шавад.

6. Пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 76 КҶ ҶТ (шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан) қисми 3 банди «г» иловаи зерин ворид карда шавад: «Шахс, ки ҳукми ҳабси якумриро адо мекунад, метавонад шартан аз адои ҷазо озод карда шавад, агар суд эътироф кунад, ки ӯ ба адои минбаъдаи ҷазо ниёз надорад ва воқеан на камтар аз 25 соли ҷазои маҳрумӣ аз озодиро адо кардааст».

7. Зарурияти тағйир додани м. 107 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, бахусус: а) муқаррароти қ. 1 м. 107 КИҶҶ ҶТ ҳамаи маҳкумшудагонро ба меҳнат маҷбур менамояд, ки ин метавонад ҳамчун маҷбуркунии меҳнат тавсиф карда шавад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки истилоҳи «вазифадор» аз матни м. 107 хориҷ карда шавад; б) дар қ. 6 м. 107 КИҶҶ ҶТ маҳдудият оид ба қатъи кор пешбинӣ шудааст. Муаллиф асоснок мекунад, ки қ. 6 м. 107 аз КИҶҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

8. Асоснок карда шудааст, ки дар КИҶҶ ҶТ моддаи алоҳидаи зерин ворид карда шавад:

«Моддаи 134 (2). Тағйири шароити нигоҳдории маҳкумшудагони ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрумшуда:

1. Тағйири шароити нигоҳдории маҳкумшудагони ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрумшуда мутобиқи тартиботи муқарраркардаи моддаи 80 ҳамин Кодекс амалӣ мегардад;

2. Маҳкумшудагони ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд дар шароити зерин интиқол дода шаванд:

– аз утоққои шакли камеравӣ, ки дар онҳо ду нафар нигоҳ дошта мешаванд, ба утоққои камеравии бисёрнафараи колонияи ислоҳӣ бо додани иҷозат барои иштироки онҳо дар чорабиниҳои гурӯҳии таълимӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ дар асоси тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пас аз адои на камтар аз панҷ соли ҷазо дар чунин утоққо;

– аз утоқҳои камеравии бисёрнафара ба утоқҳои зисти маъмулӣ дар колонияи ислоҳии режими махсус пас аз адои на камтар аз панҷ соли ҷазо»;

3. Шахсоне, ки ба адои ҷазои якумра маҳкум шудаанд, ва тартиби муқарраршудаи адои ҷазоро қасдан вайрон мекунанд, метавонанд аз биноҳои истиқоматии оддӣ ба биноҳои камеравии колонияи ислоҳии режими махсус гузаронида шаванд;

4. Тағйир додани шароити нигоҳдорӣ нисбат ба шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, гирифтори бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, шакли фаъоли бемории сил ва ихтилоли рӯҳӣ татбиқ намегарданд».

9. Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба моддаи 134 (1) КИҶҶ ҶТ чунин муқаррарот илова карда шавад: «– иштирок дар чорабиниҳои гурӯҳии дорои хусусияти таълимӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ».

10. Барои рафъи мушкилот дар соҳаи муносибатҳои меҳнатии шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар муассисаҳои ислоҳӣ пешниҳод карда мешавад, ки Барномаи нави ташкили меҳнат ва истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2035 қабул карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар ташаккул ва инкишоф додани заминаи васеъи назариявии татбиқи ҷазои ҷиноятӣ дар шакли якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, асосҳо ва шартҳои таъини он, тартиби иҷрои он ифода меёбад. Хулоса ва тавсияҳое, ки бо назардошти таҳлили қонуни ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки тартиби иҷро ва адои ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодиро танзим мекунанд, инчунин бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии иҷрои ин ҷазо, инчунин дар фаъолияти қонунгузорӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳлилро ҳангоми навиштани монография, мақолаҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд самаранокӣ ва сифати таълими донишҷӯёнро дар донишгоҳҳои Тоҷикистон беҳтар созанд. Ба барномаҳои таълимӣ ворид намудани маводи диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки мутахассисони оянда ҷанбаҳои мураккаби иҷрои ин ҷазоро беҳтар дарк кунанд. Тавсияҳо ва хулосаҳо метавонанд дар раванди таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби иҷрои ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро танзим мекунанд, истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар самти такмили қонунгузорӣ дар соҳаи татбиқи ҷазои ҷиноятӣ дар шакли ҷазои якумра, тартиби иҷрои он истифода шаванд. Инчунин ҳангоми тайёр кардани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ дар самти ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан истифода

гарданд. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва курси махсуси «Низоми ҷазо» истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия бо истифода аз усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмии омӯзиши масъалаҳо, таҳлили амиқи қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзӯи таҳқиқот ва мақолаҳои баъзе олимон, ки нуқтаи назари илмии муосирро оид ба проблемаҳои татбиқи ҷазои ҷиноятӣ дар шакли ҷазои якумра, тартиби иҷрои онро инъикос менамоянд, асоснок карда мешавад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсия баён шудаанд, дар асоси сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ тартиб дода шудаанд.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин ба истифодаи пойгоҳи васеъи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудааст, вобаста аст. Ҳамаи хулосаҳои таҳқиқот бо муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КҶ ҶТ, КИҶҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи оид ба ислоҳоти системаи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра мутобиқат мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, қонунҳои ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва Тоҷикистонро вобаста ба татбиқ ва иҷрои ҷазои якумра шахсан таҳлил кардааст. Дар диссертатсия инчунин тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба татбиқ ва иҷрои ҷазои якумра пешниҳод карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шӯъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ омода гардида, дар ҷаласаҳои шуъба мавриди баррасӣ қарор гирифт. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии рисола дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тотористон ва Федератсияи Россия, дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Дар шакли маъруза муқаррароти асосии таҳқиқот, аз ҷумла дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ва илмию амалии зерин пешниҳод карда шуданд: «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва

фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ» (25 ноябри 2016, ш., Душанбе) – маърӯза дар мавзуи «Оид ба масъалаҳои мақсади ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан»; «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» (15-16 июни соли 2017, ш. Душанбе) – маърӯза дар мавзуи «Оид ба масъалаи ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология» (11-12 майи соли 2017, ш. Душанбе) – маърӯза дар мавзуи «Мақсади ҷазо дар шакли якумра аз озодӣ маҳрум сохтан»; «Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюл ва дурнамои рушд» (31 октябри 2017, ш. Душанбе) – маърӯза дар мавзуи «Мафҳуми ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ва мавқеи он дар низоми ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия»; Конфронси IX байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 25-умин солгарди таъсисёбии ДСРТ (15-16 октябри соли 2021, ш. Душанбе) – маърӯза дар мавзуи «Ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ дар Федератсияи Россия».

Баъзе маводи таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун пешниҳод ба Маркази милли қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуданд, ҳамчунин онҳо ҳангоми гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ» дар ДСРТ ҳамчун тавсияҳои амалӣ истифода гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, аз ҷумла шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 206 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф аҳаммияти масъалаҳои дар он омӯхташударо асоснок намуда, дараҷаи коркарди илмии мавзуъро таҳлил, объект ва предмети омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои кори илмиро мушаххас намуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои меъёрӣ, асоси эмперикӣ, навгонӣ ва муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад, тавсиф мекунад, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисоларо муайян мекунад, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, ҳамзамон

тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Проблемаҳои ҳуқуқии ҷиноятии якумра маҳрум сохтан аз озодӣ: проблемаҳои доктрина ва қонунгузорӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат буда, дар он истилоҳҳои гуногун, мафҳумҳои ҷазои якумрӣ, аломатҳо ва мақсади ин ҷазо ва мавқеи он дар низоми ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии татбиқи истифодаи ҷазои якумра дар кишварҳои хориҷӣ гузаронида шудааст.

Зербоби якум – **«Мафҳуми ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мавқеи он дар низоми ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад.

Қайд карда мешавад, ки низоми ҷазо маҷмӯи сохтории ҳамаи намудҳои ҷазоҳоест, ки дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Номгӯйи ин ҷазоҳо дар КҶ ҶТ бо риояи пайдарҳамӣ ва дараҷабандии муайян аз рӯи хусусият ва дараҷаи вазнинии унсури ҷазо тартиб дода шуда, маҳаки асосии он расидан ба мақсадҳои ҷазо ( қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ), аз қабили барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии ҷиноятҳо мебошад.

Дар соли 2014 дар саросари ҷаҳон тақрибан 479 000 нафар ҷазои якумраро адо мекарданд. Соли 2000 ин рақам 261 ҳазор нафарро ташкил медод. Тавре мебинем, дар давоми 14 сол шумораи шахсоне, ки ба зиндон маҳкум шудаанд, 84 фоиз афзудааст. Дар Тоҷикистон то соли 2024 113 нафар ҷазои якумраро адои мекунанд. Аз ин шумор 55 (48,6%) нафар бо м. 104-и КҶ ҶТ, 6 (5,3%) нафар бо м. 138 КҶ ҶТ, 2 (1,7%) нафар бо м. 139-и КҶ ҶТ, 6 (5,3%) нафар бо м. 104 ва 138-и КҶ ҶТ, 3 (2,6%) нафар бо м. 104 ва 139-и КҶ ҶТ, 2 (1,7%) нафар бо м. 104, 138 ва 139-и КҶ ҶТ, 5 (4,4%) нафар бо м. 138 ва 139-и КҶ ҶТ ва 35 (31%) нафар бо м. 104 ва 179-и КҶ ҶТ. Тавре ки омор нишон медиҳад, дар Тоҷикистон ҷазои якумра асосан нисбат ба шахсоне татбиқ мешавад, ки куштор ва ҷиноятҳои дорои хусусияти шаҳвониро содир кардаанд (м.м. 138-139-и КҶ ҶТ). Асоснок карда шудааст, ки ин тамоюл то он даме, ки ба сиёсат ва амалияҳои ҷазои ҷиноятӣ, бахусус дар робита ба маҳдудиятҳои татбиқи ҳабси якумрӣ тағйирот ворид нагардад, идома меёбад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон ва маъмурияти колонияҳои ислоҳӣ, ҷазои якумра нигаронкунанда аст. Дар баъзе мавридҳо, ин ҷазо аз ҳад зиёд бераҳмона ба назар мерасад, бахусус дар робита бо ҷиноятҳои бидуни зӯроварӣ содиршуда ва ба принсипи мутаносибӣ мувофиқат намекунад. Ҷазои якумра бидуни имкони пеш аз муҳлат озод кардан, масъалаҳоро вобаста ба бераҳмӣ, ғайриинсонӣ ва поймол кардани шаъну эътибори шахс ба миён гузошта, ӯро аз имконияти барқароршавӣ маҳрум мекунад.

Ҷазои якумрӣ навъи махсуси ҷазо мебошад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон нисбатан нав буда, он дар солҳои наздик ба қонунгузории Тоҷикистон ворид шудааст. Дар мавриди илми ҳуқуқшиносӣ, дар ин замина,

масъалаҳои ҷазои якумра бо дарназардошти чолишҳои муосир ва тағйироти глобалӣ дар ҷаҳон нав инкишоф ёфта истодааст. Мубрамияти мушкилоти марбут ба ҷазои якумра, инчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин мафҳум дар сатҳи қонунгузорӣ муайян карда нашудааст. Муаллиф тафсири зерини ин таърифро пешниҳод мекунад: – ин ҷазои ҷиноятие мебошад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки ба ҳаёт, амнияти ҷамъият ва давлат таҳдид мекунад, инчунин барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин нисбат ба сулҳу амнияти инсоният татбиқ гардида, шахс то охири умри табиии худ дар колонияҳои ислоҳӣ нигоҳ дошта мешавад.

Асоснок карда шудааст, ки татбиқи ҷазо бояд ба самтҳои асосии сиёсати ҷиноятӣ мувофиқ буда, нисбат ба ҷинояткорони ретсидивист ва шахсоне, ки ҷинояти махсусан содир кардаанд, татбиқ карда шавад.

Зербоби дуюм **«Нишонаҳои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар таълимоти илмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ»** ном дорад.

Аксари давлатҳое, ки ҳукми қатлро бекор намуданд, ҷазои якумраро ҳамчун алтернативаи мувофиқ қабул кардаанд, ки мувофиқати он бо ҳуқуқи инсон мавзуи баҳсҳои давомдор ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳабси абад ҳамчун алтернатива қабул карда шуд ва он ҷазои ҳадди аксар дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мебошад.

Ҷазои якумра дар Тоҷикистон яке аз ҷазоҳои махсусан сахт маҳсуб мешавад, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин, аз қабили куштор, терроризм, хиёнат ба давлат ва ғайра пешбинӣ шудааст. Инҳоянд чанд сабабе, ки чаро ҷазои якумра ҷазои махсусан сахт аст: а) ҷазои якумра боиси маҳрум кардани озодии комил барои тамоми умри маҳкумшуда мегардад, ки ин оқибати ниҳоят муҳим аст; б) шахсоне, ки ба ҳабси якумра маҳкум шудаанд, абадан аз ҷомеа ҷудо мешаванд, ки ин шиддати ҷазо ва ҷудошавиро зиёд мекунад. Дар фарқият аз ҳукмҳои муҳлатнок, ҷазои якумра маънои онро дорад, ки шахс имкони дубора ба ҷомеа ворид шуданро надорад; в) ҷазои якумра ҳамчун омили боздоранда хизмат мекунад - ҳам махсус ва ҳам умумӣ; г) ҷазои якумра ҳамчун як шакли адолати судӣ нисбат ба ҷабрдида арзёбӣ мегардад; д) дар аксар мавридҳо, ҷазои якумра мавҷуд набудани имконияти шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод шудан ё ҳуқуқи маҳдуди онро пешбинӣ мекунад; е) ҷазои якумраи шахсоне, ки ҷиноятҳои махсусан вазнин содир кардаанд, ҳамчун воситаи ҳифзи ҷомеа аз зарари эҳтимолӣ баррасӣ мешавад; ё) дар баъзе ҷомеаҳо ҳабси якумрӣ ҳамчун шакли одилонаи сазо барои ҷиноятҳои муайян баррасӣ мегардад. Ин мавқеи ахлоқии ҷомеаро инъикос мекунад, ки аксар вақт барои баъзе ҷиноятҳои махсусан вазнин ҷазоҳои махсусан сахтро ҷонибдорӣ мекунад.

Исбот карда шудааст, ки ҷазои якумра як қатор хусусиятҳоеро доро мебошад, ки моҳияти мустақилияти онро тасдиқ мекунанд, аз ҷумла хусусияти номуайянии муҳлати ҷазо, маҳдудиятҳо дар татбиқи категорияҳои

алоҳидаи шахсон (масалан, ноболиғон, занон ва мардони аз 63-сола боло) ва таъини он танҳо барои ҷиноятҳои махсусан вазнин дар доираи мурофиаи судӣ.

Дар зербоби сеюм – **«Мақсади якумра маҳрум кардан аз озодӣ: мушкилоти назария ва қонунгузорӣ»** сухан дар бораи он меравад, ки умуман мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ ҳамеша бо шароити иҷтимоӣ муайян карда шуда, хусусияти объективӣ-субъективӣ доранд, меравад. Ин чунин маъно дорад, ки онҳо бояд ба қонунҳои объективии ҳаёти ҷамъиятӣ асос ёфта, дараҷаи шуури ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ахлоқии одамонро инъикос кунанд. Проблемаи муайян кардани максадҳои ҷазо ҳамчун яке аз чораҳои маҷбурии ҳуқуқии чиноятӣ дар назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле баҳснок боқӣ мемонад.

Тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафи асосии ҳама гуна ҷазои ҷиноятӣ барқарор кардани адолати иҷтимоӣ мебошад. Ҷазо барои барқарор кардани адолати иҷтимоӣ ҳам барои ҷомеа ва ҳам барои ҷабрдида равона карда шудааст. Бояд гуфт, ки адолати иҷтимоӣ ба қадри имкон барқарор карда мешавад. Мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ танҳо дар сурате ба даст оварда мешавад, агар нисбати шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ҷазои сазовор татбиқ карда шавад, ки онро бояд ҳамчун ҷазое фаҳмидан мумкин аст, ки вазифаи ислоҳ намудани шахси маҳкумшуда ва пешгирии ҷиноятҳои навро таъмин карда тавонад.

Номуайянӣ дар бораи имкони шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардани шахсоне, ки ба ҳабси абад маҳкум шудаанд, ин намуди ҷазоро ҳамчун сангинтарин ҷазо нишон медиҳад. Набудани возеҳият дар ин масъала ба ҷинояткорон таъсири амиқ мерасонад. Аз ин рӯ, муайянияти ҳуқуқӣ дар мавриди имкони шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан шахсоне, ки ҳукми якумраро адо мекунанд, ниҳоят муҳим аст. Меъёрҳои шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан дар КҶ ҶТ бояд аниқ баён карда шаванд. Мувофиқан ба ин пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 76-и КҶ ҶТ (шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан) қ.3, банди «г» дар таҳрири зерин тағйирот ворид карда шавад: «Шахсе, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум шудан маҳкум шудааст, мумкин аст нисбати онҳо шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан татбиқ карда шавад, агар суд муайян кунад, ки ӯ ба ҷазои минбаъда ниёз надорад ва амалан на камтар аз 25 соли ҷазоро адо кардааст».

Ислоҳи маҳкумшуда яке аз мақсади асосии ҷазо мебошад, он низ инчунин барои ноил шудан ба мақсади махсуси ҷазо, яъне пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав нигаронида шудааст.

Зербоби чорум ба таҳлили **«Проблемаҳои танзими ҳуқуқии ҷазои якумра дар кишварҳои хориҷӣ»** бахшида шудааст. Масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, муаллиф ба қонунгузории ҷиноятии давлатҳои Иттиҳоди аврупо ва аъзои ИДМ таҳлил намудааст. Дар зербоби мазкур тасвири

умумии стандартҳои ҳуқуқии аврупоӣ оид ба ҷазои якумра ва маҳдудиятҳои онро бо такя ба санадҳои ҳуқуқии оммавӣ, аз қабили КБҲШС, КАҲИ, ҳуҷҷатҳои Шӯрои Аврупо ва юрисдиксияҳои миллӣ пешниҳод мекунад.

Иҷрои ҷазои якумра ҳамчун ҷазои маҳдудкунандаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки барои ислоҳи ҷинояткорони махсусан хавфнок равона гардидааст, дар назди олимон ва ҳуқуқтатбиққкунандагон мушкилоти зиёдеро ба миён овардааст, зеро татбиқи ин ҷазо дар интихоби воситаҳо ва чораҳои иҷрову адои он ихтилофҳои ошкорро ба вуҷуд меорад. Дар кишварҳои гуногун ин навъи ҷазо ҳамеша мавриди таҳаввулот қарор дорад ва ин далел омӯзиши амиқро дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ тақозо мекунад.

Дар низоми ҳуқуқии Аврупо як қатор меъёрҳо оид ба ҷазои якумра вуҷуд доранд. Дар Иттиҳоди Аврупо ҷазои якумра ба монанди КҶ ҶТ вуҷуд надорад, аммо ҷазои якумра бо имкони бознигарӣ намудани он ҷой дорад. Дар кишварҳое мисли Дания, пас аз баррасӣ, яъне пас аз гузашти 12 сол муҳлати ҷазо метавонад бозбинӣ карда шавад; ин муҳлат дар Юнон – 20 сол; дар Фаронса, Олмон, Швейтсария ва Австрия – 15 солро ташкил медиҳад. Кишварҳое, ки тӯлонитарин муҳлати дар зиндон нигоҳ доштанро доранд, Ингилистон – 25 сол ва Италия – 26 сол мебошанд. Дар кишварҳое, ки муҳлати ҷазои якумрӣ мавриди бозбинӣ қарор дорад, қонунгузории онҳо иҷозат медиҳад, ки маҳбус ба шарти пушаймонӣ аз кирдор ё ҳамкорӣ бо нерӯҳои амниятӣ пеш аз муҳлат озод карда шавад.

Дар маҷмуъ, ҳарчанд ҷазои якумра ҷузъи муҳими низоми адлияи ҷиноятӣ дар кишварҳои ИДМ ба ҳисоб равад, эътирофи зарурати мувозинати амнияти ҷамъиятӣ бо имкониятҳои табобат ва тавонбахшии инсондӯстона вуҷуд дорад. Дар ҳоле ки ин кишварҳо дар равиши худ ба адолати судии ҷиноятӣ таҳаввул мекунанд, муколама ва талошҳои ислоҳот барои таъмини он, ки ҳабси якумрӣ чораи одилона ва муассир дар ноил шудан ба адолат ва ҳуқуқи инсон боқӣ мемонад, муҳим хоҳад буд. Меъёрҳо вобаста ба ҷазои якумра дар қонунгузории мутлақи ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ пешбинӣ шудаанд. Аммо танзими ин намуди ҷазо дар КҶ ин давлатҳо якранг набуда, таваҷҷӯҳи илмӣ дорад. Ба ташаккули қонунгузории миллии ҳар яке аз ин кишварҳо КНҶ ИДМ, ки барои давлатҳои аъзои он таҳия шудааст, таъсири амиқ расонидааст.

Кишварҳои узви ИДМ ҳукми қатлро амалан бекор кардаанд. Қирғизистон ва Узбекистон тибқи қонунунгузории худ ҳукми қатлро дар солҳои 2007 ва 2008 мутаносибан бекор карданд. Дар Қазоқистон ва Тоҷикистон мораторияҳои расмӣ аз моҳи январи соли 2004 (дар Қазоқистон) ва июли соли 2004 (дар Тоҷикистон) амал мекунанд. Дар байни солҳои 2000 ва 2010, ҳамаи кишварҳое, ки ҳукми қатлро бекор ё боздоштаанд, Протоколи дуюми факултативии МБҲШС-ро (бо мақсади бекор кардани ҳукми қатл) ба тасвиб расониданд. Туркманистон ягона кишварест, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ҷазои якумра ҳамчун як намуди ҷазо пешбинӣ нашудааст. Дар

тафовут аз дигар КҶ кишварҳои ИДМ, дар м. 57-и КҶ ФР бевосита нишон дода шудааст, ки ҷазои якумра барои кадом намуди ҷиноятҳо татбиқ карда мешавад. Пешниҳод мегардад, ки дар КҶ ҶТ ва дигар кишварҳои ИДМ таҷрибаи ФР ба инобат гирифта шавад.

Боби дуюми рисола – **«Проблемаҳои иҷрои ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳоиислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, ду зербобро дар бар мегирад, ки дар онҳо масъалаҳои ташкили иҷрои ҷазои якумра баррасӣ шудаанд.

Дар зербоби якум **«Ташкили иҷрои ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳои ислоҳии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»** ном дорад, дар он масъалаҳои ташкили меҳнати маҳкумшудагон, таълиму тарбияи касбии онҳо, танзими режими адои ҷазо ҳамаҷониба таҳлил гардида, инчунин кори тарбиявӣ бо маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои якумра дар Точикистон маҳкум шудаанд, таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, дар Тоҷикистон дар муайян кардани намудҳои муассисаҳои ислоҳӣ барои шахсе, ки ба ҷазои якумра маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, тафовут вуҷуд надорад. Зимнан, муассисаи ислоҳӣ бояд ба ҷамъият хавфнокии маҳкумшуда мувофиқ бошад, ки он на танҳо бо вазнинии ҷинояти содиршуда, намуд ва давомнокии ҷазо, балки бо дигар хусусиятҳои шахс бояд муайян карда шавад. Ба шахс таъин кардани ҷазои сахттарин ҳанӯз ҳам якхела будани ин тоифаи маҳкумшудагон, зарурияти ҷудокунӣ ва воситаҳои таъсири тарбиявиро нишон намедиҳад. Ҳангоми ба муассисаҳои ислоҳӣ равон кардани маҳбусоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд ва муайян кардани мақсаднок будани ҷудо кардани онҳо бояд танҳо дар асоси талаботи таъмини амният, яъне аз нуқтаи назари ҷойдоштани эҳтимолияти эҷоди мушкилот барои кормандони муассисаи ислоҳӣ ба роҳ монда шавад ва на барои он ки ба ҷомеа таҳдид мекунанд.

Ҳамаи шахсоне, ки ҷазои якумра аз озодӣ ба мӯҳлати муайян бо маҳрумият аз озодӣ маҳрум карданашон бо тартиби бахшиши ҷазо иваз карда шудааст ё аз тарафи суд бо дигар асосҳо ҳукм карда шудааст, бояд мувофиқи тартиби барои шахсоне, ки ба маҳрум кардан озодӣ маҳкум карда шудаанд, ба колонияҳои ислоҳӣ режими мувофиқ фиристода шаванд. Алоҳида нигоҳ доштани онҳо аз дигар маҳкумшудагон на аз нуқтаи назари назариявӣ ва на аз ҷиҳати амалӣ асоснок нест.

Барои баланд бардоштани самаранокӣ ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ, Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ, муқаррароти м. 107 КИҶҶ ҶТ такмил додани таъмини ихтиёрии кор, васеъ намудани имкониятҳои интихоби кор ва барҳам додани маҳдудиятҳо бас кардани корро талаб мекунад. Барои ҳалли ин мушкилот ва татбиқи самараноки меҳнати шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар муассисаҳои ислоҳӣ пешниҳод карда мешавад, ки «Барномаи нави ташкили меҳнат ва истеҳсолоти саноатӣ

дар муассисаҳои ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2035» қабул карда шавад.

Асоснок карда шудааст, ки ба меҳнат машғул шудани ба ҷазои якумра маҳкумшудагон яке аз омилҳои муҳими раванди ислоҳ ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо дар колонияҳои ислоҳӣ мебошад. Меҳнат, ҳамчун воситаи тарбиявӣ, ба маҳкумшудагон имкон медиҳад, ки худро ҳамчун аъзои фаъоли ҷомеа эҳсос кунанд, малакаҳои касбии худро рушд диҳанд ва сатҳи масъулияти шахсӣ ва иҷтимоии худро баланд бардоранд. Дар бисёр кишварҳо, ба маҳкумшудагони якумрӣ имкони кор кардан дар дохили муассисаҳои ислоҳӣ дода мешавад. Ин амал ба онҳо на танҳо имконияти самаранок истифода бурдани вақти худро фароҳам меорад, балки барои фароҳам овардани даромади каме низ кӯмак мекунад, ки онро метавонанд барои хариди ашёҳои зарурӣ ё кӯмак ба хонаводаҳои худ истифода баранд. Ба меҳнат машғул шудани маҳкумшудагон инчунин ба беҳбудии равонӣ ва коҳиши стресс мусоидат мекунад, зеро фаъол будан ва истифодаи нерӯи худ дар кор метавонад ҳисси фоидаовар будан ва худшиносиро дар онҳо бедор созад.

Тавсия дода мешавад, ки аз м. 107 КИҶҶ ҶТ ҳолатҳои зерин хориҷ карда шавад: а) муқаррароти қ. 1 м. 107 КИҶҶ ҳамаи маҳкумшудагонро ӯҳдадор менамояд, ки меҳнат кунанд, ҳолати мазкурро ҳамчун меҳнати маҷбурӣ баҳо додан мумкин аст. Дар асоси ин пешниҳод карда мешавад, ки дар таркиби м. 107 КИҶҶ ҶТ истилоҳи «ӯҳдадор аст» хориҷ карда шавад; б) дар қ. 6 м. 107 КИҶҶ ҶТ меъёр вобаста ба маҳдуднамоии қатъи кор пешбинӣ шудааст, пешниҳод мегардад, ки он ҳам хориҷ карда шавад. Тавсия дода мешавад, ки дар таркиби м. 134 (1) КИҶҶ ҶТ муқаррароти зерин «– иштирок дар чорабиниҳои гурӯҳии дорои хусусияти таълимӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ» илова карда шавад.

Пешниҳод карда шудааст, ки дар КИҶҶ ҶТ моддаи нав, яъне м. 134 (2). Тағйири шароити нигоҳдории маҳкумшудагони ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрумшуда, илова карда шавад.

Дар зербоби дуюм **«Хусусиятҳои маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои якумра аз озодиро адо мекунанд ва хислатҳои ахлоқию равонии онҳо»** муаллиф ҳангоми таҳлил маҳакҳои зеринро истифода намудааст: сатҳи маълумот, вазъи оилавӣ, синну сол, таърихи ҷиноятӣ, хусусияти демографӣ ва ғайра. Ин меъёрҳо асосан дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология бо хусусиятҳои иҷтимоию демографӣ, ҳуқуқии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятии шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, баррасӣ мешаванд.

Сатҳи маълумотнокии шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, аксар вақт бо нишондиҳандаи вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо мувофиқат мекунад. Тибқи пажӯҳиши муаллиф, афроде, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, дар муқоиса бо сатҳи таҳсилоти умумӣ, сатҳи таҳсилоти паст доранд. Тавре ки омӯзиши парвандаҳои шахсии маҳкумшудагон нишон

медиҳад, аз 113 нафар маҳкумшудагон 3 нафар (2,6%) умуман маълумот надоранд, 17 нафар (15%) дорои маълумоти миёнаи нопурра, 40 нафар (35,4%) дорои маълумоти миёна; 21 нафар (18,5%) – таҳсилоти миёнаи махсус; 10 нафар (8,8%) – таҳсилоти олии нопурра ва 22 нафар (19,46%) – таҳсилоти олӣ доранд.

Динамикаи синну соли онҳое, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, аз ҷинояткорони ҷавон то маҳкумшудагоне, ки дар пиронсолӣ ҳукми худро адо карда истодаанд, иборат аст. Таснифи шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, аз рӯи меъёрҳои зерин гузаронида шуданд: а) маҳбусони ҷавон аз 18 то 30 сола, 32 (28,3%) нафар ҳангоми содир кардани ҷиноят ва 2 нафар дар ин синну сол ҷазо адо карда истодаанд, ки 1,76 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад. б) маҳбусони миёнасол (аз 30 то 50 сола). Аз 113 нафар 74 нафар ҷазои якумраро адо карда истодаанд, ки 65,4% аз миқдори умумиро ташкил медиҳад; в) маҳбусони солхӯрда (аз 50 боло). Сол аз сол, шумораи маҳбусоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, рӯ ба афзоиш дошта, онҳоро ба категорияи пиронсолон мегузаранад. Аз 113 нафаре, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, 36 нафар ё худ 31,8% ба гурӯҳи калонсолон дохил мешаванд.

Таърихи ҷиноятии шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, аксар вақт бо тағйироти мураккаб дар ҳаёти онҳо фарқ мекунанд, ки онҳоро бо таъсири шумораи зиёди омилҳо, аз ҷумла ҳолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таҷрибаи шахсӣ ва ғайра шарҳ додан мумкин аст. Аз 113 нафаре, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, 42 нафарашон гузаштаи ҷиноятӣ дошта, аз онҳо 27 нафарашон пештар 1 маротиба, 12 нафар – 2 ва 5 нафар зиёда аз 2 ҷиноят содир кардаанд.

Таҳлили хислатҳои шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, нишон медиҳанд, ки вобаста ба таркиби ҷиноят, мураккабии рафтори ҷиноятӣ, ангезаҳои он ва вокуниши ҷомеа ба кирдорҳои содиршуда муайян мегардад. Тавре ки омор нишон медиҳад, дар Тоҷикистон ҷазои якумра асосан нисбат ба шахсоне татбиқ мешавад, ки ҷиноятҳои одамкушӣ (м. 104 КҶ ҶТ) ва ҷиноятҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 138-139 КҶ ҶТ)-ро содир намудаанд.

Вазъияти психологии шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, бо устуворӣ, ноумедӣ ва ҷустуҷӯи маънои ҳаёт дар шароити зиндони дарозмуддат алоқаманд аст. Фаҳмидани психологияи одамоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, ба мо имконият медиҳад то хубтар дарк намоем, ки барои чӣ инсон ин ё он ҷиноятро содир кардааст, хислат, ҳиссиёт ва нияти ӯ дар чӣ ифода ёфтаанд.

Таъмини назорати равонии доимӣ ва бақайдгирии ҳолати равонии маҳкумшудагон барои ҷазои якумра аҳаммияти хоса дорад. Мутахассисони равонӣ ва равоншиносон метавонанд бо назорати мунтазами вазъи равонии онҳо ба пешгирии вазъиятҳои номатлуб ва кӯмак дар рафъи мушкилоти

равонӣ ёрӣ расонанд. Ин амалҳо ба шахсияти маҳкумшудагон таъсири мусбӣ расонида, ба рушди ахлоқӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо дар колонияҳои ислоҳӣ мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, таъмини бақайдгирии равонӣ ва назорати мунтазами равонӣ метавонад на танҳо барои устувории равонии маҳкумшудагон, балки барои коҳиши имконияти рафтори хатарнок ва такрори ҷиноятҳо низ нақши муҳим бозад.

## ХУЛОСА

Таҳқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои муайян ва вобаста ба мукаммал намудани танзими ҳуқуқии татбиқ ва иҷрои ҷазои якумра пешниҳодҳои зеринро қайд намоем:

1) Низоми ҷазо маҷмӯи сохтории ҳамаи намудҳои ҷазоҳоест, ки дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Номгӯйи ин ҷазоҳо дар КҶ ҶТ бо риояи пайдарҳамӣ ва дараҷабандии муайян аз рӯи хусусият ва дараҷаи вазнинии унсури ҷазо тартиб дода шуда, маҳаки асосии он расидан ба мақсадҳои ҷазо (қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ), аз қабили барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии ҷиноятҳо мебошад.

2) Муаллиф дар консепсияи илмии худ таърифи зерини онро пешниҳод мекунад: – ин ҷазои ҷиноятие мебошад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки ба ҳаёт, амнияти ҷамъият ва давлат таҳдид мекунад, инчунин барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин нисбат ба сулҳу амнияти инсоният татбиқ гардида, шахс то охири умри табиии худ дар колонияҳои ислоҳӣ нигоҳ дошта мешавад [8-М].

3) Татбиқи ҷазо бояд ба самтҳои асосии сиёсати ҷиноятӣ мувофиқ бошад. Якум, нисбат ба ҷинояткорони ретсидивист ва шахсоне, ки ҷинояти вазнин ва махсусан содир кардаанд, бояд ҷазои сахт дода шавад. Сониян, нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятҳои начандон вазнин ё ҷиноятҳои дараҷаи миёнаро (ҷазоҳое, ки аз бе ҷудо кардан аз ҷамъият, шартан татбиқ накардани ҷазо, боз доштани иҷрои ҷазо) содир кардаанд, бояд ҷазои сабуктар татбиқ карда шавад. Дар замони ташаккули ҷомеаи демократӣ бояд институти шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан аз адои ҷазо фаъолонатар истифода бурда шавад ва ҳарчи бештар ба ҷойи маҳрумият аз озодӣ маҳдуд кардани озодӣ ё кори ҷамъиятӣ истифода шавад. Критерияи шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан аз адои ҷазо дар КҶ ҶТ бояд аниқ баён карда шавад. Мувофиқан ба ин, таклиф карда мешавад, ки ба м. 76-и КҶ ҶТ (шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан аз адои ҷазо) қ. 3, б. «г» дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Шахсе, ки ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро адо мекунад, агар суд муайян кунад, ки ӯ ба ҷазои минбаъда ниёз надорад ва амалан маҳкумшуда на камтар аз 25 соли зиндонро адо карда бошад, ӯро шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан мумкин аст» [3-М].

4) Собит шудааст, ки ҷазои якумра дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки моҳияти мустақилияти онро тасдиқ мекунанд, аз ҷумла

хусусияти бемуҳлатии ҷазо, маҳдудиятҳои татбиқи он нисбати категорияҳои алоҳидаи шахсон (масалан, ноболиғон, занон ва мардони аз 63-сола боло) ва таъини он танҳо барои ҷиноятҳои махсусан вазнин дар доираи мурофиаи судӣ. Ҷазои якумра дар Тоҷикистон яке аз ҷазоҳои махсусан сахт маҳсуб мешавад, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин, аз қабили куштор, терроризм, хиёнат ба давлат ва ғайра пешбинӣ шудааст. Инҳоянд чанд сабабе, ки чаро ҷазои якумра ҷазои махсусан сахт аст: а) ҷазои якумра боиси маҳрум кардани озодии комил барои тамоми умри маҳкумшуда мегардад, ки ин оқибати ниҳоят муҳим аст; б) шахсоне, ки ба ҳабси якумра маҳкум шудаанд, абадан аз ҷомеа ҷудо мешаванд, ки ин шиддати ҷазо ва ҷудошавиро зиёд мекунад. Дар фарқият аз ҳукмҳои муҳлатнок, ҷазои якумра маънои онро дорад, ки шахс имкони дубора ба ҷомеа ворид шуданро надорад; в) ҷазои якумра ҳамчун омили боздоранда хизмат мекунад - ҳам махсус ва ҳам умумӣ; г) ҷазои якумра ҳамчун як шакли адолати судӣ нисбат ба ҷабрдида арзёбӣ мегардад. Бо ин ё он роҳ, таъини ҷазои якумра ба оилаҳои маҳкумшудагон таъсир мерасонад. Он кафолат медиҳад, ки шахсони гунаҳкор барои ҷиноятҳои махсусан вазнин, барои кирдорҳои худ ба оқибатҳои вазнин дучор мешаванд; д) дар аксар мавридҳо, ҷазои якумра мавҷуд набудани имконияти шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод шудан ё ҳуқуқи маҳдуди онро пешбинӣ мекунад; е) ҷазои якумраи шахсоне, ки ҷиноятҳои махсусан вазнин содир кардаанд, ҳамчун воситаи ҳифзи ҷомеа аз зарари эҳтимолӣ баррасӣ мешавад. Гумон меравад, ки чунин ашхос метавонанд ба амнияти ҷамъиятӣ таҳдиди доимӣ эҷод кунанд; ё) дар баъзе ҷомеаҳо ҳабси якумрӣ ҳамчун шакли одилонаи сазо барои ҷиноятҳои муайян баррасӣ мегардад. Ин мавқеи ахлоқии ҷомеаро инъикос мекунад, ки аксар вақт барои баъзе ҷиноятҳои махсусан вазнин ҷазоҳои махсусан сахтро ҷонибдорӣ мекунад [6-М].

5) Мувофиқан ба қонуни ҷиноятӣ мақсади ҷазои ҷиноятӣ пеш аз ҳама барқарор намудани адолати иҷтимоӣ мебошад. Бо ҷазо додани маҳкумшуда адолати иҷтимоӣ барои ҷамъият ва ҷабрдида барқарор мегардад. Гузашта аз ин, адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ба қадри имкон барқарор мешавад. Мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ танҳо дар ҳоле ба даст оварда мешавад, ки нисбат ба шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ҷазои сазовор татбиқ карда шавад, ки онро бояд ҳамчун ҷазое фаҳмидан мумкин аст, ки масъалаи ислоҳ намудани шахси маҳкумшуда ва пешгирии ҷиноятҳои навро ҳал карда тавонад [7-М]

6) Ислоҳи маҳкумшуда яке аз мақсади асосии ҷазо мебошад, он низ инчунин барои ноил шудан ба мақсади махсуси ҷазо, яъне пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав нигаронида шудааст. Ислоҳ ё офиятбахшии шахси ба ҷазои якумра маҳкумшуда дар ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст [5-М].

7) Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ҷазои якумра бо имкони аз нав дида баромадан, яъне кам кардани муҳлат вуҷуд дорад. Дар баробари ин, бархе аз кишварҳои аврупоӣ ин гуна ҷазоро комилан лағв кардаанд. Ба монандӣ Андорра, Босния ва Ҳерсеговина, Хорватия, Черногория, Норвегия, Португалия, Сан-Марино, Сербия ва Испания. Аммо барҳам додани ҷазои якумра имконияти ба муҳлатҳои хеле тӯлонӣ маҳрум шуданро бартараф накард [1-М].

8) Дар давлатҳои ИДМ ҷазои якумра ҳамчун навъи махсуси ҷазо барои ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки таҳдид ба ҳаёт, амнияти ҷамъиятӣ ва сохти конститутсионии давлат доранд, татбиқ мегардад. Ин навъи ҷазо аксар вақт дар қонунгузории кишварҳои ИДМ ҳамчун алтернативаи ҳукми қатл ворид гардида, барои ҷиноятҳое ба мисли куштор, терроризм ва хиёнат ба давлат пешбинӣ шудааст. Барои шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, дар аксар давлатҳо шартҳои махсуси адои ҷазо таъин мегарданд, ки мутобиқ ба принсипҳои инсондӯстии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Масалан, дар давлатҳои ИДМ барои шахсоне, ки аз 63-65-сола боло ҳастанд ё ҷиноятро дар синни ноболиғӣ содир кардаанд, ё зан ҳастанд, имкони татбиқи ҷазои якумра истисно шудааст. Ҳамзамон, қонунгузориҳои кишварҳои ИДМ барои аз нав дида баромадани ҳукм пас аз гузаштани муҳлати муайяни адои ҷазо имкон медиҳанд, ки ин ба принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва имкони ислоҳшавии маҳкумшудагон мувофиқат мекунад [11-М].

9) Таъмини шароити дурусти колонияҳои ислоҳӣ ба маънои фароҳам овардани муҳити зисти инсонӣ ва мутобиқ ба ҳуқуқи инсон барои маҳкумшудагон мебошад. Ин фарогирии шароити муносиб барои зист, дастрасӣ ба ғизо ва манзили мувофиқ, инчунин ёрии тиббӣ ва равониро дорад [12-М].

10) Солона шумораи маҳкумшудагоне, ки дар муассисаҳои дорои режими маҳбас ҷазоро адо мекунанд, яъне ашхосе, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд зиёд шуда истодааст. Ин гурӯҳи маҳкумшудагон ӯҳдадоранд, ки ҷазоро дар маҳбасҳо, яъне дар камераҳои алоҳида бидуни имкони ҳаракат ва муоширати озод адо кунанд. Дар ҷумҳурӣ як муассисаи ислоҳӣ бо режими маҳбасҳо барои адои ҷазои якумра (шаҳри Бохтар) мавҷуд буда, шумораи маҳкумшудагон дар он аз ҳадди муқарраршудаи қобилият зиёд аст, бинобар ин масъалаи бунёди маҳбаси иловагӣ бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Ҳамин тариқ, пешниҳод мешавад, ки дар Тоҷикистон барои онҳое, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, муассисаҳои махсус сохтан лозим аст.

11) Барои баланд бардоштани самаранокӣ ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ, Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ, муқаррароти м. 107 КИҶҶ ҶТ такмил додани таъмини ихтиёрии кор, васеъ намудани имкониятҳои интихоби кор ва барҳам додани маҳдудиятҳои бас кардани корро талаб мекунад. Барои ҳалли ин мушкилот ва татбиқи самараноки меҳнати шахсони

ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар муассисаҳои ислоҳӣ пешниҳод карда мешавад, ки «Барномаи нави ташкили меҳнат ва истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2035» қабул карда шавад.

12) Сатҳи маълумотнокии шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, гуногун аст ва вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тарбиявӣ, ки пеш аз содир кардани ҷиноят ба онҳо таъсир расонидаанд, фарқ мекунад. Бисёр вақт ин маҳкумшудагон ба гурӯҳи шахсоне тааллуқ доранд, ки дар шароити душвори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ зиндагӣ карда, дастрасӣ ба имкониятҳои мукаммали таълимӣ надоштаанд. Инчунин, аксарияти онҳо метавонанд маълумоти ибтидоӣ ё миёнаро дошта бошанд ва теъдоди ками онҳо маълумоти олӣ гирифтаанд. Чи тавре омӯзиши парвандаҳои шахсии ба ҷазои якумра маҳкумшудагон нишон медиҳад, аз 113 маҳкумшуда 3 (2,6%) таҳсилот надоранд, 17 (15%) таҳсилоти миёнаи нопурра, 40 (35,4%) таҳсилоти миёнаи умумӣ, 21 (18,5%) таҳсилоти миёнаи махсус, 10 (8,8%) таҳсилоти олии нопурра 22 (19,46%) таҳсилоти олӣ доранд. Дастгирӣ ва имконияти таҳсилот дар зиндон на танҳо сатҳи маълумотнокии онҳоро боло мебарад, балки ба беҳбуди вазъи равонии онҳо мусоидат мекунад. Бинобар ин тавсия дода мешавад, ки ВА ҶТ ва ВМИ ҶТ барои ин гурӯҳи маҳбусон барномаҳои махсуси таълимӣ омода ва дар амал татбиқ намоянд [4-М].

13) Таснифи синну соли маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои якумра маҳкум шудаанд, аз рӯи меъёрҳои зерин гузаронида шудааст: а) ҷавон; б) миёнасол; в) пиронсол [4-М].

14) Ҳолати рӯҳии шахсони ба ҷазои якумра маҳкумшуда аксар вақт бо вазъи махсус ва фишорҳои равонӣ алоқаманд аст, ки онҳо дар натиҷаи шароити зист ва маҳрумият аз озодии дарозмуддат эҳсос мекунанд. Ба ҳолати рӯҳии чунин маҳкумшудагон ҷазои якумра таъсири ҷиддӣ мерасонад ва метавонанд ба ҳолати стресс, депрессия, эҳсоси танҳоӣ ва надоштани умед ба оянда оварда расонанд. Дар чунин ҳолатҳо, маҳкумшудагон метавонанд бо равандҳои танзим ва мутобиқшавии равонӣ, ки махсусан дар давраҳои аввал душвор аст, рӯ ба рӯ шаванд. Мутахассисони равоншинос ва кормандони муассисаҳои ислоҳӣ дар ҳамкорӣ бо равоншиносон ва дастгирии иҷтимоӣ ин гуруҳи маҳкумшудагонро бояд дар мутобиқшавӣ ва нигоҳ доштани суботи равонӣ кӯмак кунанд. Инчунин, машғул шудан ба фаъолияти корӣ, омӯзишӣ ва дастгирии равонӣ метавонад вазъи равонии маҳкумшудагонро беҳтар намояд, зеро фаъолият ва машғулият ҳисси манфиатнок будан ва худшиносиро тақвият мебахшад [4-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ба м.м. 47 ва 58[1]-и КҶ ҶТ зарурияти ворид намудани тағйирот ва эътироф намудани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун намуди мустақили ҷазо ҷой дорад.

2. Мувофиқан ба ин пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 76-и КҶ ҶТ (шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан) қ. 3, б. «г» дар таҳрири зерин тағйирот ворид карда шавад: «Шахсе, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум шудан маҳкум шудааст, мумкин аст нисбати онҳо шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан татбиқ карда шавад, агар суд муайян кунад, ки ӯ ба ҷазои минбаъда ниёз надорад ва амалан на камтар аз 25 соли ҷазоро адо кардааст» [8-М].

3. Тавсия дода мешавад, ки аз м. 107 КИҶҶ ҶТ ҳолатҳои зерин хориҷ карда шавад: а) муқаррароти қ. 1 м. 107 КИҶҶ ҳамаи маҳкумшудагонро ӯҳдадор менамояд, ки меҳнат кунанд, ҳолати мазкурро ҳамчун меҳнати маҷбурӣ баҳо додан мумкин аст. Дар асоси ин пешниҳод карда мешавад, ки дар таркиби м. 107 КИҶҶ ҶТ истилоҳи «ӯҳдадор аст» хориҷ карда шавад; б) дар қ. 6 м. 107 КИҶҶ ҶТ меъёр вобаста ба маҳдуднамоии қатъи кор пешбинӣ шудааст, пешниҳод мегардад, ки он ҳам хориҷ карда шавад [4-М].

4. Ба КИҶҶ ҶТ моддаи алоҳида дар таҳрири зерин «м. 134 (2) илова карда шавад. *«Тағйир додани шароити нигоҳдории шахсони ба ҷазои якумра маҳкумшуда»;*

5. Барои ҳалли ин мушкилот ва татбиқи самараноки меҳнати шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар муассисаҳои ислоҳӣ пешниҳод карда мешавад, ки «Барномаи нави ташкили меҳнат ва истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2035» қабул карда шавад [4-М].

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳо, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-А].** Назарзода, Р.Г. Опыт применения пожизненного лишения свободы в зарубежных странах [Текст] / Р.Г. Назарзода // Академический юридический журнал. – 2019. – №3 (31). – С. 23-26; ISSN 2305-0535.

**[2-А].** Назарзода, Р.Г. История становления и развития наказания в виде пожизненного лишения свободы в Российской Федерации [Текст] / Р.Г. Назарзода // Академический юридический журнал. – 2019. – №4 (32). – С. 114-118; ISSN 2305-0535.

**[3-А].** Кудратов, Н.А., Назарзода, Р.Г. Характеристика осужденных лиц, отбывающих пожизненное лишение свободы в Таджикистане [Текст] / Н.А. Кудратов, Р.Г. Назарзода // Юридический вестник. – 2023. – №4 (16). – С. 66-73; ISSN 2790-7570.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[4-А].** Назарзода, Р.Г. К вопросу о целях наказания в виде пожизненного лишения свободы [Текст] / Р.Г. Назарзода // Материалы международной научно-теоретической конференции «Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности». – Душанбе, 25 ноября 2016. – С. 269-271.

**[5-А].** Назарзода, Р.Г. К вопросу о пожизненном лишении свободы в Республике Таджикистан [Текст] / Р.Г. Назарзода // Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Роль Президента Республики Таджикистан, Основателя мира и национального единства – Лидера нации Эмомали Рахмона в укреплении национального единства». – Душанбе, 15-16.06.2017. – С. 86-88.

**[6-А].** Назарзода, Р.Г. Цель наказания в виде пожизненного лишения свободы [Текст] / Р.Г. Назарзода // Материалы второй международной научно-практической конференции «Роль молодых ученых в развитии науки, инноваций и технологий». – Душанбе, 2017. – С. 257-259.

**[7-А].** Назарзода, Р.Г. Понятие пожизненного лишения свободы и его место в системе уголовных наказаний Республики Таджикистан и Российской Федерации [Текст] / Р.Г. Назарзода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы V международной научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2017 г.). – Душанбе: РТСУ, 2017. – С. 432-436.

**[8-А].** Назарзода, Р.Г. Пожизненное лишение свободы как альтернатива смертной казни [Текст] / Р.Г. Назарзода // Актуальные вопросы юриспруденции: материалы V международной научно-практической конференции (Душанбе, 27 апреля 2018 г.). – Душанбе: РТСУ, 2018. – С. 532-536.

**[9-А].** Назарзода, Р.Г. К вопросу о назначении наказания в виде пожизненного лишения свободы за преступления, связанные с терроризмом в РТ и РФ [Текст] / Р.Г. Назарзода // Проблемы современной юриспруденции: сборник научных статей бакалавров, магистров аспирантов. – Душанбе: РТСУ, 2018. – С. 193-196.

**[10-А].** Назарзода, Р.Г. Понятие, основание и условия освобождения от уголовной ответственности [Текст] / Р.Г. Назарзода // Проблемы современной юриспруденции: сборник научных статей бакалавров, магистрантов и аспирантов. – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 231-235.

**[11-А].** Назарзода, Р.Г. Практика применения пожизненного лишения свободы в зарубежных странах [Текст] / Р.Г. Назарзода // Юридический вестник. – 2020. – №1 (1). – С. 133-140; ISSN 2790-7570.

**[12-А].** Назарзода, Р.Г. Пожизненное лишение свободы как вид уголовного наказания в Российской Федерации [Текст] / Р.Г. Назарзода // Материалы IX Международная научно-практическая конференция, посвященная 30-летию независимости Республики Таджикистан и 25-летию

Российско-Таджикского (Славянского) университета (Душанбе, 15-16 октября 2021 г.). – Душанбе: РТСУ, 2021. – С. 69-74.

## АННОТАЦИЯ

**по диссертацию Назарзода Рамзагули Гани на тему «Уголовно-правовые и уголовно-исполнительные проблемы применения и исполнения наказания в виде пожизненного лишения свободы»**

**Ключевые слова:** жизнь; права и свободы человека; защита прав и свобод человека; наказания; пожизненное лишение свободы; воспитательная работа; труд; приговоренные; исправление осужденного; предупреждение совершения новых преступлений; реабилитации осужденных.

Данный научный трактат является первым комплексным исследованием, посвященный систематическому изучению вопросов уголовно-правовые и уголовно-исполнительные проблемы применения и исполнения наказания в виде пожизненного лишения свободы. Изучение ПЛС имеет важное значение как с точки зрения теории права, так и для практики правоприменения. Эта мера наказания вызывает широкий интерес у юристов, криминологов, психологов, социологов и других специалистов, поскольку она затрагивает фундаментальные вопросы уголовной политики, прав человека и социальной справедливости.

Целями данного диссертационного исследования являются выявление и анализ проблем, связанных с применением и исполнением наказания в виде ПЛС, а также разработка концептуальных рекомендаций и научно обоснованных предложений по совершенствованию уголовного законодательства в области уголовно-исполнительного права, с особым акцентом на гуманизацию системы наказаний и повышение эффективности применения ПЛС.

В работе комплексно применялись все существующие методы юридической науки, используемые для анализа правовых и социальных явлений, в частности диалектический, специальный научно-статистический, формально-логический, сравнительно-правовой, исторический, систематический и структурный методы и др.

Научная новизна диссертационного исследования выражается в том, что в нем впервые: проведен глубокий анализ эмпирического материала, который значительно пополняет существующий массив опытных знаний о ПЛС; новые эмпирические данные, выявленные автором, способствуют более глубокому пониманию феномена пожизненного заключения и его последствий для уголовного правосудия; разработана новая теоретическая основа для понимания ПЛС, базирующаяся на синтезе уже существующих в уголовном праве теорий, криминологии, социологии, психологии, других соответствующих дисциплинах. Работа отличается широким междисциплинарным подходом.

Выводы и рекомендации, полученные с учетом анализа уголовно–правового и уголовно–исполнительного законодательства, регулирующего порядок исполнения и отбывания пожизненного лишения свободы, а также с учетом зарубежного опыта, могут быть использованы для дальнейшего исследования теоретических и практических проблем исполнения наказания в виде ПЛС, а также в нормотворческой деятельности.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Назарзода Рамзагули Ғанӣ дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-иҷроии татбиқ ва иҷрои ҷазо дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ»**

**Калидвожаҳо:** ҳаёт; ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; ҷазо; якумра аз озодӣ маҳрум сохтан; кори тарбиявӣ; меҳнат; маҳкумшуда; ислохи махкумшуда; пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав; офиятбахшии махкумшудагон.

Ин рисолаи илмӣ аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаест, ки ба омӯзиши мунтазами масъалаҳои қонуни ҷиноятӣ ва масъалаҳои иҷрои ҷазо дар шакли якумра маҳрум сохтан аз бахшида шудааст. Омӯзиши ҷазои якумра ҳам аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқ ва ҳам барои амалияи татбиқи қонун муҳим аст. Ин чораи муҷозот барои ҳуқуқшиносон, криминологҳо, равоншиносон, ҷомеашиносон ва дигар мутахассисон таваҷҷӯҳи зиёд дорад, зеро он масъалаҳои бунёдии сиёсати ҷиноӣ, ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоиро ба миён мегузорад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муайян ва таҳлили мушкилоти марбут ба татбиқ ва иҷрои ҷазо дар намуди якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, инчунин таҳияи тавсияҳои консептуалӣ ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо дарназардошти хусусияти инсондӯстона доштани ин ҷазо ва баланд бардоштани самаранокии татбиқ ва истифодаи он равона шудааст.

Муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ бо истифодаи ҳамаҷонибаи тамоми усулҳои мавҷудаи илми ҳуқуқ оид ба таҳлили зухуроти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, методи диалектикӣ, маҷмӯи методҳои махсуси илмӣ-оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ, системавию сохторӣ ва ғайра асос ёфтаанд. Инчунин ҳангоми таҳлили масъалаҳои илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки бори аввал: таҳлили амиқи маводи эмпирикӣ гузаронида шуд, ки маҷмӯи донишҳои мавҷудаи таҷрибавиро оид ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан хеле васеъ мекунад ва он ба дарки амиқтари падидаи ҷазои якумра ва оқибатҳои он барои адолати судии ҷиноятӣ мусоидат мекунад; чаҳорчӯбаи нави назариявӣ барои фаҳмидани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан дар асоси синтези ғояҳое, ки аллакай дар назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҷомеашиносӣ, психология ва дигар фанҳои дахлдор мавҷуданд, таҳия карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳое, ки бо назардошти таҳлили қонуни ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки тартиби иҷро ва адои ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодиро танзим мекунанд, инчунин бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии иҷрои ин ҷазо, инчунин дар фаъолияти қонунгузорӣ истифода шаванд.

## ANNOTATION

### on the dissertation of Nazarzoda Ramzaguli Gani on the topic «Criminal-legal and criminal-executive problems of the application and execution of punishment in the form of life imprisonment»

**Keywords:** life; human rights and freedoms; protection of human rights and freedoms; punishment; life imprisonment; educational work; labor; sentenced; correction of the convicted person; prevention of new crimes; rehabilitation of convicted persons.

This scientific treatise is the first comprehensive study devoted to the systematic study of issues of criminal-legal and criminal-executive problems of the application and execution of punishment in the form of life imprisonment. The study of life imprisonment is important both from the point of view of legal theory and for the practice of law enforcement. This punishment is of wide interest to lawyers, criminologists, psychologists, sociologists and other specialists, since it affects fundamental issues of criminal policy, human rights and social justice.

The objectives of this dissertation are to identify and analyze the problems associated with the application and execution of punishment in the form of life imprisonment, as well as the development of conceptual recommendations and scientifically based proposals for improving criminal legislation in the field of criminal-executive law, with a special emphasis on the humanization of the punishment system and increasing the effectiveness of the use of life imprisonment. The work comprehensively applied all existing methods of legal science used to analyze legal and social phenomena, in particular dialectical, special scientific-statistical, formal-logical, comparative-legal, historical, systematic and structural methods, etc.

The scientific novelty of the dissertation research is expressed in the fact that for the first time: a deep analysis of empirical material was carried out, which significantly replenishes the existing array of empirical knowledge about life imprisonment; new empirical data identified by the author contribute to a deeper understanding of the phenomenon of life imprisonment and its consequences for criminal justice; a new theoretical basis for understanding life imprisonment was developed, based on the synthesis of existing theories in criminal law, criminology, sociology, psychology, and other relevant disciplines. The work is distinguished by a broad interdisciplinary approach.

The conclusions and recommendations obtained taking into account the analysis of criminal and criminal-executive legislation regulating the procedure for the execution and serving of life imprisonment, as well as taking into account foreign experience, can be used for further research of theoretical and practical problems of the execution of punishment in the form of life imprisonment, as well as in rule-making activities.